**Идоракунии хавфҳои амалиётии “ҶСК Алиф Бонк”**

ҶСК «Алиф Бонк» (минбаъд дар матн “Бонк”) дар фаъолияти худ ба идоракунии хавфҳои амалиётӣ диққати махсус зоҳир менамояд. Идоракунии хавфҳои амалиётии Бонк пеш аз ҳама ба кам намудани эҳтимолияти талафоти ғайричашмдошт дар фаъолияти амалиётии Бонк бо назардошти таносуби оптималии таваккал ва даромаднокӣ нигаронида шудааст. Аз ҷониби Бонк воситаҳои идоракунии хавфҳои амалиётӣ мутобиқи талаботи муқарраршудаи Бонки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҷрибаҳои беҳтарини идоракунии хавфҳо таҳия ва татбиқ кардааст.

Принсипи асосии идоракунии хавфҳои Бонк ин иштироки фаъоли тамоми кормандон дар доираи салоҳияти худ ҳангоми муаянсозии омилҳои хавфи амалиётӣ ва татбиқи тадбирҳо вобаста ба нигоҳ доштани сатҳи хавфҳои амалиётӣ дар сатҳи қобили қабул мебошад. Илова бар ин, дар Бонк раванди се хати мущофизатро ҷорӣ гардидааст, ки масъулияти ҳар як иштирокчии раванди идоракунии хавфҳоро муайян мекунад.

Камсозии хавфи амалиётӣ иҷрои маҷмӯи чораҳо, аз ҷумла инҳоро дар бар мегирад: тақсимоти вазифаҳо, назорати минбаъдаи воридшавии маълумот, санҷиши мувофиқати маълумот, назорати иҷро, аудити дохилӣ, тасдиқи амалиёт, назорати ваколати иҷрои амалиёт, аудити берунӣ, такмили низомаҳои автоматикунонидашудаи бонкӣ, муқаррар намудани лимитҳо, муайян кардани “иштиҳои хавф” (Risk appetite), мониторинги сатҳи хавфҳо, ҳифзи иттилоот ва ғайра.

Бонк барои пешниҳоди маълумот ба шарикон, мизоҷон ва дигар шахсони манфиатдор дар бораи системаи идоракунии хавфҳои амалиётӣ бо дархости онҳо омода аст.